**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Олимиён Сабрина Шамсулло дар мавзуи "Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ (дар мисоли нашрияҳои "Ҷумҳурият", "Ҷавонони Тоҷикистон", "Озодагон" ва "Миллат", солҳои 2010-2015)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Дар илми журналистикаи тоҷик инъикоси масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ мавриди ҷустуҷӯҳои илмӣ қарор гирифтаанд. Дар байни ин масъалаҳои номбаршуда мавзуи арзишҳо ва фарҳанги миллӣ муҳимияти бештар доранд. Аввалан, масъалаи фарҳанг ва расму оинҳои миллиро пайгирӣ кардани воситаҳои ахбори омма дар шароити ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва арзишҳо шарти устувории худшиносӣ, ваҳдати миллӣ ва устувории пояи давлати миллӣ буда, таҳқиқоти илмии саривақтӣ натиҷа ва дурнамои онро муайян мекунад. Муҳимияти таҳқиқоти мазкур низ дар ҳамин зоҳир мегардад.

Унвонҷӯ бо мақсади баррасии дуруст ва фарогири мавзуи мазкур рисоларо ба муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт ҷудо намудааст.

Муқаддимаи рисола аз нигоҳи сохтор мувофиқи талаботи барои рисолаҳои номзадӣ пешбинишуда навишта шуда, муҳимияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, навгониҳои таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқ, методологияи онро дар бар мегирад.

**Боби якуми рисола "Масъалаҳои фарҳанги миллӣ дар контенти маводи рӯзноманигорӣ"** ном дошта аз ду фасл иборат аст. Дар фасли якум - "Таҳлил таносуби инъикоси масъалаҳои фарҳанг дар нашрияҳои даврӣ", муҳаққиқ таносуби инъикоси мавзуи фарҳангро дар нашрияҳои мавриди таҳқиқ таҳлилу баррасӣ карда, ба кадом мавзуъ ва бо кадом сабаб таваҷҷуҳ намудани рӯзноманигоронро ошкор месозад. Таҳқиқоти ӯ нишон медиҳанд, ки таваҷҷуҳи матбуоти даврӣ ба ин ё он масъалаи фарҳангӣ аввалан ба сиёсати пешгирифтаи идораи рӯзномаву муассис ва, дуюм, ба мушкилоти дар пешорӯи ҷомеа қарордошта вобастагӣ доранд.

Фасли дуюми боби якум "Нақши матбуоти даврӣ дар бозтоби ҷашнҳои фарҳангии миллӣ ва динӣ" ном дорад. Дар ин фасл масъалаи мавриди таҳқиқ аз нигоҳи мавзуъ таҳлил карда мешавад. Муҳаққиқ маводи зиёдеро аз нигоҳи мавзуъ гурӯҳбандӣ намуда, афзалият доштани

ин ё он мавзуъро дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ нишон медиҳад, маҳорати касбии рӯзноманигоронро дар инъикоси масъала то андозае нишон медиҳад. Боби якуми рисола бо хулосаи мухтасар ҷамъбаст карда мешавад.

**Боби дуюми кор “Вижагии фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ ва бозтоби онҳо дар ВАО-и чопӣ”** низ ду фасл дорад. Дар фаслҳои ин боб нақши матбуот дар инъикоси масоили гуногуни фарҳангӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, ба ҳамназдикшавии фарҳангҳо, таъсири байниҳамдигариашон, ҳамзистии намояндагони фарҳанг ва арзишҳои гуногун хеле хуб таҳлил карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқи унвонҷӯ нишон медиҳанд, ки таваҷҷуҳи матбуоти даврӣ ба масъалаҳои таъсири фарҳанги бегона ба мардуми мо кам нест, онҳоро ин масъала ба ташвиш меорад ва роҳҳои нигоҳдории арзишҳои миллиро дар тарғиби бештари онҳо, дар бедории миллӣ мебинанд.

Таҳқиқоти муаллиф далел бар он мекунанд, ки матбуоти даврӣ дар баробари нишон додани махсусиятҳо, дастовардҳои фарҳангии ақаллиятҳои миллии кишвар, махсусан, ҷӯгиён, туркманҳо, қарлуғҳо, ӯзбекҳо, ба мушкилоти онҳо низ таваҷҷуҳ менамояд.

**Боби сеюми рисола “Имкониятҳои жанрӣ дар инъикоси масъалаҳои фарҳангӣ”** ном дошта, ба махсусияти жанрии маводи мавриди таҳқиқ бахшида шудааст. Унвонҷӯ дар такя ба андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба жанрҳои журналистика мавқеи худро то андозае равшан менамояд, ҷойгоҳи жанрҳоро дар инъикоси масоили фарҳангӣ нишон медиҳад. Ҳангоми зарурат бо муҳаққиқон баҳс мекунад. Гоҳо дар мавриди шинохти жанрҳо ақидаи худро иброз менамояд. Дар ин маврид баҳснок боқӣ мондани мавқеи ӯ далели ҷасорати таҳқиқгарии ӯ мебошад.

Унвонҷӯ маводи хеле зиёди амалиро ҷамъоварӣ ва таҳлил намудааст, онҳоро ба гурӯҳҳо, категорияҳо ҷудо намуда, барои мушаххастар гардидани мавқеи худ аз ҷадвалҳо, схемаҳо истифода мебарад.

Хулосаи рисола дастовард ва натиҷаҳои аз таҳқиқ бадастомадаро фаро мегирад. Феҳристи адабиёт аз сарчашмаҳое иборатанд, ки ба муҳтавои рисола алоқамандӣ доранд ва аз аксарияташон дар кор иқтибосҳо оварда шудаанд. Навгонии рисола ва саҳми муҳаққиқ дар ҳаллу фасли мавзуъ намоён аст. Автореферат муҳтавои асосии рисоларо инъикос мекунад.

Ба ин тариқ, метавон гуфт, ки мақсад ва вазифаҳое, ки диссертант дар таҳқиқи мавзуи интихобшуда гузоштааст, ичро шудаанд. Ҷанбаъҳои

илмӣ ва амалии рисола дар рафти ҳамкории ман ҳамчун роҳбар бо ӯ марҳала ба марҳала тақвият дода шудаанд ва барои таҳқиқоти нав дар самти мавзуъ ва мундаричаи матбуоти даврӣ ва воситаҳои дигари ахбори омма муфид хоҳанл буд.

Рисолаи номзадии Олимиён Сабрина Шамсулло – "Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ (дар мисоли нашрияҳои "Ҷумҳурият", "Ҷавонони Тоҷикистон", "Озодагон" ва "Миллат", солҳои 2010-2015) -ро дар маҷмуъ таҳқиқоти бaанҷомрасида мешуморам ва барои дифоъ тавсия медиҳам.

**Доктори илми филология,**
**дотсенти кафедраи матбуоти**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Мухторӣ Қутбиддин**

**Имзои Мухторӣ Қ.-ро тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** **Тавқиев Эмомалӣ**

**Суроға: 734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17**
**Тел: (+992)933662008**
**E-mail: mkutb70@mail.ru**

**"18" 02 с.2022**